**Маълумот дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ба мақсади расидан ба афзалиятҳои миллӣ таввасути рушди минтақаҳои кишвар, ва барои баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию содиротии мамлакат ва дар ҳамин раванд барои ҷалби ҳарҷи бештари сармояи хориҷӣ дар Тоҷикистон 4 минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шудааст. МОИ «Суғд», «Панҷ», «Данғара» ва «Ишкошим» мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҷумҳурӣ пас аз қабул гардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои аввалиндарача оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 05.03.08, №103) дар соли 2008 оғоз гардиданд. Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав (аз 25.03.2011, №700) ба тасвиб расид.

Мутобиқи банди якуми қарори мазкур Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои ташкил, идора ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд.

Бо Фармони Вазорат аз 28.04.08 №41 дар сохтори Вазорат Шӯъбаи маъмуригардонии минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсис дода шуд.

Дар ҳамон сол қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ» ва «Суғд» аз 02.05.08, №227 ба тасвиб расид.

Мутобиқи банди якуми қарори мазкур дар мавзеи Қарадуми ноҳияи Қумсангир минтақаи озоди иқтисодии шакли комплексии «Панҷ» бо масоҳати умумии 400 гектар қитъаи замин ва дар мавзеи саноатии ҷанубу ғарби шаҳри Хуҷанд минтақаи озоди иқтисодии шакли истеҳсолию иноватсионии «Суғд» бо масоҳати 320 гектар қитъаи замин таъсис дода шуд.

Низомномаҳои минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд» ва «Панҷ» бо қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1146 ва №1147 аз 29.10.08 тасдиқ гардиданд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии "Ишкошим" ва "Данғара" №74 аз 02.02.09 ба тасвиб расид.

Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» дар ҳудуди ноҳияи Данғара бо масоҳати умумии 521 гектар қитъаи замин ва Минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» дар ҳудуди ноҳияи Ишкошим бо масоҳати умумии 200,0 гектар қитъаи замин таъсис дода шуд.

Низомномаҳои минтақаҳои озоди иқтисодии «Ишкошим» ва «Данғара» бо қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №2010 ва №1545 аз 20.01.2010 тасдиқ гардиданд.

Сарҳадҳои ҳудудии минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд» ва «Панҷ» бо қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1385 ва №1386 аз 23.06.09 тасдиқ гардиданд.

Ҷиҳати ташаккулёбӣ ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ санаи 29 марти соли 2010 Вазорат бо Дафтари Созмони амният ва ҳамкории

Аврупо дар Тоҷикистон Ёддошти ҳусни тафоҳум дар соҳаи минтақаҳои озоди иқтисодиро ба имзо расонид.

Ёддошти мазкур омодагии Дафтарро барои мустаҳкам намудани нерӯи Вазорат дар ҳамоҳангсозии раванди ҷалб ва фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ ва кӯмакрасон дар самти рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Бо мақсади амалӣ намудани муқарраротҳои Ёддошти ҳусни тафоҳуми мазкур Вазорат ҳамасола ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои рушди минтақаҳои озоди иқтисодиро баргузор менамояд, ки дар кори он намояндагони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорон, сафоратҳои давлатҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон ва ташкилоту созмонҳои байналмилаллӣ иштирок менамоянд.

То имрӯз дар минтақаҳои озоди иқтисодии 62 ширкатҳои ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла дар МОИ “Суғд” 27, МОИ “Данғара”26 ва МОИ “Панҷ” 9. Аз миқдори умумии субъектҳои бақайдгирифташуда айни замон 16 ширкат, аз ҷумла дар МОИ “Суғд” 11 ва дар МОИ “Данғара” 5 ширкат фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва фаъолияти содиротӣ воридотиро ба роҳ мондаанд, ширкатҳои боқимонда ба корҳои сохтмонӣ ва ворид намудани таҷҳизотҳо ва ҳалли мушкилотҳои худ машғуланд.

Шумораи субъектҳо 2011-2015 (нимсола)

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015( 11 моҳ)** |
| МОИ «Суғд» | 13 | 16 | 20 | 24 | 27 |
| МОИ «Данғара» | 2 | 4 | 16 | 21 | 26 |
| МОИ «Ишкошим» | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| МОИ «Панҷ» | 2 | 7 | 8 | 8 | 9 |

Шумораи умуми ҷойҳои корӣ ташкил гардида дар минтақаҳои озоди иқтисоди ба 1071 расидааст. Дар МОИ «Суғд» ҳайати кормандони Маъмурият - 30 нафар, ташкили ҷои кор аз ҷониби субъектҳо- 400 нафар. Дар МОИ «Данғара» ҳайати кормандони Маъмурият- 41 нафар ва ташкили ҷои кор аз ҷониби субъектҳо- 647 нафар. Дар МОИ «Панҷ» ҳамагӣ 60 нафар ва дар МОИ «Ишкошим»-17 нафарро ташкил медиҳад.

То ин давра дар МОИ кишвар ба маблағи беш аз 136 млн. сомонӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, хизматрасониҳо ва фаъолияти содиротию воридотӣ, аз ҷумла дар МОИ «Суғд» 134 млн. сомонӣ ва МОИ «Данғара» зиёда аз 1,8 млн. сомонӣ анҷом дода шудааст.

млн. сомонӣ

| | соли 2011 | соли 2012 | соли 2013 | соли 2014 | соли 2015 (10 мох) |
|---|---|---|---|---|---|
| МОИ «Сугд» | 105000 | 22000000 | 44000000 | 45000000 | 23059500 |
| МОИ «Дангара» | 0 | 0 | 47600 | 1200000 | 638600 |

Аз оғози фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳаҷми сармоягузории мустақим маблағи зиёда аз 114,4 млн. сомониро (МОИ «Суғд» - 47,1 млн. сомонӣ, МОИ «Данғара» - 65,7 млн. сомонӣ ва МОИ «Панҷ» - 1.6 млн. сомониро) ташкил медиҳад.

Аз оғози фаъолият (2010) то соли 2015 ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа ва нигаҳдорӣ беш аз 26,6 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст, ки аз ин ба МОИ «Суғд» - 3,9 млн. сомонӣ, МОИ «Данғара» - 11,2 млн. сомонӣ, МОИ «Панҷ» - 5,4 млн. сомонӣ, ва МОИ «Ишкошим» - 6,1 млн. сомонӣ рост меояд, ки ин маблағҳо, асосан барои иҷрои корҳо ба монанди таҳияи лоиҳаҳои сметавӣ, гузаронидани хати қувваи барқ ва қубурҳои обгузаронӣ, сохтмони иншооти иҳотавӣ, сохтмони бинои дидбонгоҳи гумрукӣ ва ҷиҳозонидан он бо таҷҳизотҳои муҳандисӣ–техникӣ, сохтмони бинои маъмурӣ, сохтмони роҳҳои автомобилгарди ҳудуди минтақа сарф гардидаанд.

Субсидия ба минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2012-2015 (ҳаз.сом).

| | **2012** | | **2013** | | **2014** | | **2015** | | **Хамагӣ:** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | барои нигоҳ. | барои инфстр. | барои нигоҳ. | барои инфстр. | барои нигоҳ. | барои инфст. | барои нигоҳ. | барои инфстр. | |
| МОИ «Суғд» | 175.000 | 300.000 | 200.000 | 500.000 | 200.000 | 700.000 | 200.000 | 700.000 | 2.975000 |
| МОИ «Данғара» | 218.345 | 1.350 | 400.000 | 1.200+800 | 400.000 | 5.200 | 400.000 | 1.200 | 11.168.345 |
| МОИ «Ишкошим» | 400.000 | 200.000 | 1000.0 | 300.000 | 1200.0 | 300.000 | 1200.0 | 300.000 | 4,9 00000 |
| МОИ«Панч» | 175.000 | 300.000 | 200.000 | 1000.0 | 200.000 | 1200.0 | 200.000 | 1200.0 | 4.475000 |

Дар маҷмӯъ заминҳои ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ дахлдор 1442,6 гектар, аз ҷумла дар МОИ «Суғд- 320 гектар, МОИ «Данғара» - 521 гектар, МОИ «Панҷ» - 401,6 гектар ва МОИ «Ишкошим» -200 гектарро ташкил медиҳанд.

Аз оғози фаъолият масоҳати заминҳои азхудшуда то ин давра ба 178 гектар расидааст- МОИ «Суғд» -24 га, МОИ «Данғара» - 143 га, МОИ «Панҷ» -11 га. ва МОИ «Ишкошим» - 0.

Бояд зикр намуд, ки молҳои дар МОИ «Суғд» тавлидшуда аллакай ба хориҷи кишвар содир шуда истодаанд.

| Номи ширкат | Самти фаъолият | Содирот (давлат) | Маблағ (ҳаз.доллари ИМА) |
|---|---|---|---|
| 1.ҶДММ «СтартПласт» | Истеҳсоли қубурҳо ва қутии пластики | Қирғизистон | 266,0 |
| 2.ҶДММ«Силкоат Бойя» | Истеҳсоли хокаи сохтмони ва рангу бор | Қирғизистон, Афғонистон Қазоқистон Русия | 431,1 |
| 3.ҶДММ «ТоҷПроф» | Истеҳсоли профили алюминӣ | Қирғизистон, Афғонистон | 121,0 |
| 4. ҶДММ «Реал» | Истеҳсоли ноқилҳои барқӣ | Узбекистон Қирғизистон | 161,0 |

Айни ҳол дар минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» якчанд ширкатҳои азим, лоиҳаҳои сармоягузории беш аз 800 млн. доллари ИМА -ро амали намуда истодаанд, ки мӯҳлати анҷом ёбии онҳо 2015-2018 мебошад.

**Ширкатҳои азими МОИ «Данғара»**

| Номи ширкат | Самти фаъолият | Сармоягузори тибқи бизнеснақша (дурнамо) |
|---|---|---|
| 1.ҶДММ «ТК-ОЙЛ» | Истеҳсоли нафт | 500 млн.$ |
| 2.ҶДММ «Ғаюр-семент» | Истеҳсоли семент | 160млн.$ |
| 3.ҶДММ «Пак-семент» | Истеҳсоли семент | 100млн.$ |
| 4.Корхонаи сафолбарорӣ | Истеҳсоли сафол | 16 млн. $ |
| 5.Корхонаи шишабарорӣ | Истеҳсоли шиша | 80 млн. $ |

**Маълумот**
**оид ба фаъолияти пурраи МОИ**

| МОИ | масоҳати замин (га.) | шумораи субъект | Маблағи ҷалбшуда: | | масоҳати заминҳои азхудшуда (га.) | Шумораи ҷойҳои нави кории таъсисдод ашуда (нафар) Хамагӣ: | Маблағи умумии Маҷмӯи маҳсулоти Истеҳсол шуда (млн. сом) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | сармояи мустақим (млн. сом) | маблағҳои буҷетӣ (млн. сом) | | | |
| «Суғд» | 320 | 26 | 46,0 | 3,2 | 24 | 400 | 1,2 |
| «Данғара» | 521 | 26 | 51,0 | 10 | 143 | 647 | 2,1 |
| «Панҷ» | 401 | 8 | 1,6 | 4,2 | 11 | 60 | 0 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| «Ишкошим» | 200 | 0 | 0 | 4,9 | 0 | 17 | 0 |
| | | | | | | | 0,476 |

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади дар минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ», «Суғд», “Данғара” ва “Ишкошим” фаъолият намудан аллакай як қатор сармоягузорони хориҷию дохилӣ ҳавасмандии зиёд зоҳир намуда истодаанд.

Дар ин давра заминаи ҳуқуқии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз қабили Қонун дар таҳрири нав “Дар бораи минтақаҳои озодӣ иқтисодӣ” Низомномаҳои Минтақаҳои озоди иқтисодии “Панҷ”, “Суғд”, “Ишкошим”, “Данғара” ва дигар санаҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар барассии вазорату идораҳо қарор дорад, айни замон корҳо ҷиҳати ҷалби ташкилотҳои байналмилалӣ, институтҳои молиявӣ ва донорҳо ба ҷараёни ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ, аз ҷумла ҷиҳати расонидани кӯмакҳои техникию машваратӣ оид ба банақшагирии генералӣ ва сохтмони инфрасохтори замонавии минтақаҳои озоди иқтисодӣ идома доранд. Аммо бо назардошти бӯҳрони молиявӣ ва иқтисодӣ ҷараёни ҷалби сармоягузорон бисёр заҳматталаб буда, таваҷҷуҳи махсус ва вақти муайянеро талаб менамояд.

Дар баробари ин, Вазорат дар якҷоягӣ бо минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ ҷиҳати ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ барои рушди минтақаҳои кишвар ва соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ дар доираи ваколатҳои худ чораҳои зарурӣ меандешад.